# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба дессертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи "Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Мавзуи рисолаи илмии Суриева Шакармо Чоршанбиевна, ки ба тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров бахшида шудаст, аҳамияти хосси таълимӣ ва тарбиявӣ дошта, дар самти ба камол расонидани насли худогоҳу худшинос ва ватандӯсту меҳанпараст мавқеи муҳим дорад.

Аҳамияти мавзуи мазкурро ба эътибор гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2019 дар паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати шинохти дурусти таърих, тарғиби мероси таърихиву фарҳангии миллати тоҷик чунин таъкид кардаанд: «Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯхта, онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем».

Таъкиди Сарвари давлат бар он аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияхои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан насли ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Гуфтан бамаврид аст, ки ғамхорӣ ва талошҳои Сарвари давлат ҳамон вақт натиҷаи хуб ба бор хоҳад овард, ки агар дар ниҳоди наврасону ҷавонон меҳри Ватан ҷой карда шуда, барои чун фарди худ

худшиносу худогоҳ ва ватандӯсту меҳанпараст ба камол расидани онҳо дар муассисаҳои таълимӣ шароити мусоиди омӯзишу тарбия фароҳам оварда шавад.

Аз ин рӯ, муаллиф дар диссертатсия бамаврид таъкид кардааст, ки сифатҳои маънавии инсон аз ҷумла, худогоҳиву худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ватандӯстиву эҳтиром гузоштан ба таърих ва фарҳанги гузашта арзишҳоеанд, ки дар мазмуни маълумот нуҳуфтаанд. Аҳли маориф ва мактаби миллиро зарур аст, ки дар раванди таълиму тарбия ин арзишҳоро ба нафъи арзишҳои инсонӣ истифода бурда, ҷиҳати афрӯхтани нури маърифат, ахлоқи маънавӣ ва инкишофи ватандӯстӣ методологияеро кор баранд, то табиату ҷамъият, ҳастии моддию маънавиро на дар қолабҳои шахшуда, балки дар тағйироту таҳаввулот маънидод карда, аз фалсафаи мардуми бумию умумибашарӣ бархурдор бошад. Дар ин радиф муҳаққиқ пешниҳод менамояд, ки азбаски тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ бо дигар соҳаҳои тарбия, махсусан тарбияи ахлоқӣ-маънавӣ робитаи зичу густурда дорад, покии ахлоқ ва маънавиёти баланд асоси ватандӯстӣ маҳсуб ёфта, бе ахлоқи ҳамида ватандӯст шудан нашояд.

Ба андешаи диссертант масъалаҳои тарбияро бе ташаккули ҳиссиёти маънавӣ, маҷмуи ақидаҳо, эътиқоду идеалҳо, хусусиятҳои эмотсионалӣ ва иродавии характер, инчунин одатҳои рафтори мадании шахсият ба танзим даровардан мумкин нест. Зеро сифатҳои маънавӣ- психологии шахсият дар зери таъсири муҳити оила, мактаб ва ҷомеа ташаккул меёбанд. Маҳз бо ҳамин воситаву роҳ мо, метавонем масъалаи арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанг, умуман мероси ниёгон, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва гиромӣ доштани истиқлолу ваҳдати миллӣ, рамзҳои давлатиро байни хонандагон таҳким бахшем.

Сарчашмаи маълумоти диссертатсияро асарҳои олимони соҳаи педагогика, фалсафа, психологҳо, ки фарогири ҷанбаҳои педагогии тарбияи ватандӯстианд, ташкил дода, таҳқиқот дар заминаи таҷриба ва маълумоти боэътимод, ки аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

дастрас шудаанд; омӯзиш ва ҷамъбасти фаъолияти омӯзгорон дар самти омӯзонидани асари "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров; мушоҳидаи бонизоми раванди омӯзиши "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров аз ҷониби хонандагон, суҳбату вохӯриҳои инфиродӣ бо донишомӯзон ва тавассути корҳои таҷрибавӣ озмоишӣ санҷидани масъалаҳои дар фарзияи таҳқиқот баёншуда коркард шудааст.

Муҳаққиқ дар ҷараёни таҳқиқот аз усули таҳлили адабиёти илмӣ, таъриxиву педагогӣ, усули монандӣ, таҳлили муқоисавӣ, бонизомӣ ва сохторӣ, пурсишнома, коркарди омории иттилоот, мушоҳида, суҳбат, мусоҳиба оид ба тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода карда, вобаста ба сатҳи омӯзиши асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пурсишномаи иттилоотӣ гузаронидааст ва барномаи озмоишии махсуси омӯзиши асари зикршуда, ки аз ҷониби унвонҷӯ таҳия шудааст, мавриди озмоиш қарор додааст.

Зикр мегардад, ки диссертант бо иҷрои вазифаҳои таҳқиқот, яъне омӯхтани вазъи тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муайян кардани тарбияи ватандӯстии хонандагон-ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ, муайян кардани вазифа ва мазмуни фаъолияти мактаби муосир оид ба тарбияи ватандӯстӣ, ошкор кардани мавқеи тарбияи ватандӯстӣ дар асари бунёдии "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров ва равшан сохтани метод ва воситаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ дар ин самт ба навгониҳои илмии зерин ноил шудааст. Аз ҷумла:

- мавқеи асари бунёдии "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷиҳати назариявию амалӣ асоснок кардааст;

- бори аввал барномаи озмоишии махсуси омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва модели педагогии ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагонро таҳия намуда, дар муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумӣ мавриди истифода қарор дода, самарабахшии таҳқиқотро нишон додааст;

- тавассути омӯзиши “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров фаъолиятҳои тарбиявию беруназсинфӣ, хусусият, методу восита ва намудҳои тарбияи ватандӯстии хонандагонро дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда, ба ин васила роҳҳои ташаккули худшиносиву худогоҳии хонандагон ва тарбияи ҳисси амиқи ватанпарварӣ, муҳаббат ба Ватанро миёни онҳо ошкор кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву таҳқиқотӣ дошта, таҳлилу баррасии натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда дуруст будани онро собит месозанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки**

- раванди фаъолияти таълимӣ ва шароиту нақши муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст;

- зимни омӯзиш мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда шудааст;

- асосҳои педагогӣ ва самарабахшии омӯзиши асари “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи озмоишҳо муайян карда шудааст;

- зимни корҳои озмоишӣ шароити педагогӣ ва воситаҳои ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон ҷиҳати омӯзиш ва ҳифзу ғанӣ гардондани мероси таърихиву фарҳангӣ муайян карда шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки:**

- дар раванди фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шароити педагогии рушди тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тариқи озмоишҳо асоснок карда шуданд;

- мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нишондиҳандаву сатҳҳое, ки тарбияи ватандӯстии хонандагонро тавсиф мекунанд, муайян карда шуданд;

- метод, восита ва шаклҳои омӯзиши асари бунёдии “Тоҷикон” муайян ва унсурҳои алоҳидаву ҷузъҳои таркибии тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коркард ва дақиқ карда шуданд;

- тавсияҳои илмию амалӣ нисбат ба ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳамчун сифати муҳимми касбии омӯзгор коркард ва пешниҳод шуданд.

Натиҷаҳои диссертатсия дар 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 дастур ва 1 барномаи озмоишии махсуси омӯзиши асари бунёдии “Тоҷикон” дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ инъикос ёфтааст.

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода менамояд ва дурустии таҳқиқоти гузаронидашудаву натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дастовардҳои диссертатсия, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои он, аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, рисола бо тавсияву пешниҳодҳои назариявию амалӣ ва ҷадвалу диаграмма таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оммафаҳм буда, забони он ба меъёри забони давлатӣ мутобиқат мекунад.

Диссертант дар охир оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба таври зерин пешниҳод кардааст: Асари бунёдии «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров насли воқеан

худогоҳу афкори солиму созандадоштаро тарбия намуда, ғояҳои ватандӯстиву соҳибдавлатиро дар онҳо ташаккул медиҳад ва барои фарзанди шоистаи замон ва меросбари фарзонаи миллати озода шудани насли наврас хизмат менамояд. Вобаста ба ин, тавсия медиҳем, ки:

- тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳоле самарабахш ва босифат мегардад, ки агар дар барномаҳои таълимии фанҳои гуманитариву ҷомеашиносӣ омӯзиши мақсадноки асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" ворид карда шавад;

- омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо дониш, малакаву маҳоратҳои омӯзиш ва тарғиби моҳияту мавқеи асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" дар тарбияи ватандӯстии хонандагон фаро гирифта шаванд;

- шиносоӣ ба таърих ва фарҳанги миллӣ дар низоми азхудкунии мероси таърихиву фарҳангии халқи тоҷик, хусусан дар заминаи омӯзиши асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон", чун муҳити фаннӣ ва технологияи педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба роҳ монда шавад;

- омӯзиши "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров ба низоми тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ворид карда шуда, доир ба ҳар бобу фасли асари зикршуда чорабиниҳои беруназдарсӣ гузаронида шавад;

- ҷиҳати тақвияти худогоҳиву худшиносӣ ва ташаккули ватандӯстии шаҳрвандон, махсусан насли наврас озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикон"-оинаи таърихи миллат на ин ки як сол танҳо ба ифтихори 115- солагии муаллифи асар Бобоҷон Ғафуров балки ҳамасола баргузор карда шавад.

Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Сарфи назар аз дастовардҳои муҳаққиқ дар ҷодаи таҳқиқоти илмӣ дар диссертатсия ва автореферати он камбудиҳо ба назар мерасанд, ки баёни онҳо ҳеҷ гоҳ ба арзиши илмии рисола таъсир намерасонад ваислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Масалан:

1. Хуб мешуд, агар унвонҷӯ дар диссертатсия аз фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти тарбияи ватандӯстии хонандагон бештар маълумот пешниҳод мекард.

2. Хуб мебуд, агар муҳаққиқ маълумоти ҷадвал, диаграммаро возеҳтар нишон медод.

3. Ба мақсад мувофиқ аст агар, унвонҷӯ ғалатҳои имлоиву услубии диссертатсия ва авторефератро ислоҳ намояд. .

ХУЛОСА

Рисолаи илмии Суриева Шакармо Чоршанбиевна, ки ба "Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши асари бунёдии «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров" бахшида шудааст, илман асоснок гардида, тарз, усул ва воситаҳои эътимоднокӣ, пешниҳоду тавсияҳо аз ҷиҳати илмию методӣ асоси худро ёфтаанд.

Рисолаи илмӣ бо забони ноби тоҷикӣ навишта шуда, ҷобаҷогузории қисмҳои он мувофиқи мақсад аст. Пас аз ҷамъбасти ҳар як боб хулосаҳои амиқ бароварда шудаанд, ки ҷавобгӯйи талаботанд.

Дар интиҳои рисолаи илмӣ тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши асари бунёдии «Тоҷикони»-и Бобоҷон Ғафуров пешниҳоди омӯзгорон карда шудааст.

Дессертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқат карда, муаллифи он Суриева Шакармо Чоршанбиевна ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Муқаррризи расмӣ: номзади илмҳои
педагогӣ, мудири кафедраи
психологияи умумӣ ва педагогии

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Разоқов Х. С.

Имзои Разоқов Хуршедро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

Маълумот дар бораи тамос:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи И. Сомонӣ
Тел: моб: (+ 992) 004042151. E-mail: razokov hursed 304@ dmail. com

24.01.2024